**Суратҷаласаи № 18-и**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D. КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ).

аз 14 майи соли 2024

**Иштирок доштанд:**
аз нафар 15 аъзои шурои диссертатсионӣ 13 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

14 майи соли 2024, соати $13^{30}$ дар толори шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) маҷлиси шурои диссертатсионии 6D. КОА-067 баргузор гардид. Вақти анҷоми маҷлис: $15^{00}$

**Раиси маҷлис**: доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ**: доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.

**РӮЗНОМА:**

Ҳимояи диссертатсияи **Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек** дар мавзуи “Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф. шунида шуд.

Диссертатсия дар шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло** мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, ноиби Президенти АМИТ.

2. **Юсупов Абдулло Исмоилович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино”.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С Айнӣ.

Котиби илмии шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Гузориши Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ шунида шуд.

Диссертант ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои филологӣ – Юсуфов У., Нуров П., Назарзода С ва Охониёзов В. ҷавоб дод.

**Роҳбари илмӣ** - доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии шуро матни тақризи муассисаи пешбар – МДТ "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С Айнӣ" ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои автореферат ҷавоб дод.

Гузориши муқарризони расмӣ - **Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, ноиби Президенти АМИТ ва **Юсупов Абдулло Исмоилович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино" шунида шуд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Докторони илмҳои филологӣ Назарзода С., Султон Ҳасан Баротзода, Нуров П. ва Мақсудов Б. андешаҳои худро ба ҳайси муқарризони ғайрирасмӣ баён дошта, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ интихоб гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – докторони илмҳои филологӣ Ҳакимов А., Охониёзов В. ва Нуров П. шомил гардиданд.

Аз 15 нафар аъзои шуро 13 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

# ҚАРОРИ

## Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

**аз 14.05.2024** **ш. Душанбе**

Гузориши **Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек** дар мавзуи “Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ), тақризи муассисаи пешбар, гузориши муқарризони расмӣ - **Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, ноиби Президенти АМИТ, **Юсупов Абдулло Исмоилович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино”, муқарризони ғайрирасмӣ докторҳои илм Назарзода С., Султон Ҳасан Баротзода, Нуров П. ва Мақсудов Бадриддинро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек**

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи “Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ба талаботи бандҳои 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Маводи илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) дода шавад.

4. Ба додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 13 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.

14.05.2024